***УДК 334,021***
***DOI** 10.24412/2411-1945-2022-4-75-86*

***ТАКМИЛИ ҶАНБАҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАНЗИМИ ШАРИКИИ ДАВЛАТИЮ ХУСУСӢ ДАР САТҲИ МИНТАҚАҲО***

***Ризоқулов Туроқул Рабимқулович,*** *муовини ректор оидба корҳои илм ва инноватсия, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори ДҲБСТ;**Тухсанбоева Хуршеда Маҳмудовна,** унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории ДИС ДДТТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫХ АСПЕКТОВ РЕГУЛИРОВАНИЯ ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОГО ПАРТНЕРСТВА НА УРОВНЕ РЕГИОНОВ***

***Ризокулов Туракул Рабимкулович**, д-р экон. наук, проректор по науке и инновациям, профессор ТГУПБП**;** **Тухсанбоева Хуршеда Махмудовна**, соискатель кафедры экономики и предпринимательства ИЭТ ТГУК (Таджикистан, Худжанд)*

***RENOVATION OF REGULATION IN REGARD TO INSTITUTIONAL STATAL-PRIVATE PARTNERSHIP AT THE LEVEL OF REGIONS***

***Rizokulov, Turakul Rabimkulovich**, Dr. of Economics, Pro-rector on science and innovations, Professor of the Tajik State University of Law, Business and Politics; **Tukhsanboyeva Khursheda Mahmudovna**, claim- art for candidate degree attached to the department of economics and entrepreunership of the Institute of Economics and Trade under the auspices of the Tajik State University of Commerce. (Tajikistan, Khujand) **E-MAIL:**t_rizokulov@mail.ru*

*Зикр гардидааст, ки такмили принсипҳои танзими шарикии давлатию хусусӣ дар сатҳи минтақа яке аз самтҳои асосии идоракунии ШДХ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таъкид гардидааст, ки ба вуҷуд овардани шароити мусоиди институтсионалӣ фаъолияти самараноки бахши хусусиро бо бахши давлатӣ бояд таъмин намояд. Маҳз чунин ҳолат барои расидан ба мақсадҳои гузошташудаи ҳам бахши давлатӣ ва ҳам сектори хусусӣ мусоидат мекунад, барои ҳалли масъалаи таъмини субъектҳои хоҷагидорӣ бо захираҳои зарурӣ ва муҳити рақобатӣ байни иштирокдорони бозори меҳнат имкониятҳои воқеӣ ба миён меорад. Хулоса шудааст, ки ҳалли вазифаҳои мазкур коркард ва амалигардонии якчанд тадбирҳои зеринро талаб мекунад: ташаккули сиёсати иқтисодии давлат барои таъмини амалигардонии самарабахши раванди такрористеҳсол аз ҷониби субъектҳои бизнеси хурд ва миёна дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ; дувум, ба вуҷуд овардани омилҳои самараноки молиявӣ, ки ба даромади захираҳои инвеститсионӣ дар рушди иқтисодиёти минтақаҳо мусоидат мекунанд; амалигардонии танзими давлатии рушди иқтисодӣ бо ёрии на тадбирҳои маъмурӣ, балки тадбирҳои самараноки иқтисодӣ. Аз нуқтаи назари танзими назариявӣ маҷмӯаи қоидаҳои асосии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки пояи истеҳсолот, мубодила ва тақсимотро ташкил мекунанд, чун муҳити*

*институтсионалии ҷамъият муайян карда шудааст.*

**Калидвожаҳо:** *шароити институтсионалӣ, мақомоти давлатӣ, бизнес-сохторҳо, шарикии давлатию хусусӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ, институтҳои иқтисодӣ, минтақаҳо, иҷтимоӣ, ҳокимияти давлатӣ*

*Представлена точка зрения, что совершенствование принципов регулирования государственно-частного партнерства на региональном уровне является одним из основных направлений управления предприятиями государственного сектора Согдийской области Республики Таджикистан. Отмечено, что создание благоприятных институциональных условий должно обеспечить эффективное функционирование частного и государственного секторов. Такая ситуация способствует достижению поставленных целей как государственного, так и частного секторов, создает реальные возможности для решения вопроса по обеспечению хозяйствующих субъектов необходимыми ресурсами и конкурентной среды для участников рынка труда.Сделан вывод, что решение этих задач требует разработки и реализации следующих мероприятий: формирования экономической политики государства для эффективной реализации воспроизводственного процесса субъектами малого и среднего предпринимательства во всех сферах народного хозяйства; создания эффективных финансовых факторов, способствующих возврату инвестиционных ресурсов в развитие региональной экономики; осуществления государственного регулирования экономического развития не с помощью административных мер, а благодаря действенным экономическим мерам. С точки зрения теоретического регулирования, совокупность основных политических, социальных и правовых правил, составляющих основу производства, обмена и распределения, определяется как институциональная среда общества.*

**Ключевые слова:** *институциональные условия, государственные органы, бизнес-структуры, государственно-частное партнерство, хозяйствующие субъекты, экономические институты, регионы, социальная среда, государственная власть*

*The authors present a viewpoint running to the effect that renovation of the principles of regulation in regard to statal-private partnership at the regional level is one of the principal streamlines of management with the enterprises of state sector in Sughd Viloyat of Tajikistan Republic. It is underscored that creation of favourable institutional conditions is bound to ensure effective functioning of both statal and private sectors. Such a situation promotes an attainment of the goals set in the formers, creates real opportunities for solving the issue on procurement of holding subjects with necessary resources and a competitive milieu for labour market participants. The conclusion is made that a solution of these goals requires elaboration and implementation of the following measures: formation of state economy, policy for effective realization of a reproductive process by the subjects of small and medium entrepreneurship in all the spheres of national economy, creation of effective financial factors promoting a return of investitive resources into the development of regional economy, implementation of state regulation of economic development not by means of administrative measures, but due to effective economic ones. Under the angle of theoretical regulation, the integrity of major political, social and legal rules constituting the foundation of production, exchange and distribution is determined as an institutional milieu of society.*

**Key-words:** *institutional conditions, state bodies, business-structures, statal-private*

*partnership, holding subjects, institutes of economics, regions, social milieu, state power*

Моҳияти институтҳоро чун шакли ташкилоти иқтисодӣ, низоми қонунгузорӣ ва ҳатто дин барасӣ кардан мумкин аст, ки асоси маҷмӯи меъёру стандартҳои иҷтимоии рафтор, муқаррарот ва схемаҳои ҷаҳоншинохти аз ҷониби табақаҳои васеи аҳолӣ азхудшударо муайян мекунанд. Ба суханони дигар, институтҳои иқтисодӣ, ки ҳамчунин арзишҳо ва нуқтаи назари одамонро дар худ дар бар мегирад, муносибатҳои мутақобилаи аҳолӣ, захираҳо ва технологияҳоро дар иқтисодиёт муайян мекунад.

Пас, тибқи ин таъриф институтҳои иқтисодӣ ҳам дар сатҳи баланд (иқтисодиёти миллӣ), аз қабили сохтори иҷтимоии ҷамъият, режими сиёсӣ, эътиқодоти идеологӣ, ҳам дар сатҳи паст (компания, иттиҳодҳои касбӣ, низоми маориф ва ҳатто сохтори оила) ба фаъолияти иқтисодиёт таъсир мерасонанд.

Алҳол дар таҳқиқи арзёбии таъсири институтҳои мухталиф ба фаъолияти иқтисодиёт муносибати низомманд ё системавӣ вуҷуд надорад. Чунин вазъият муайян кардани доираи институтҳоеро тақозо менамояд, ки ба мавзӯи мавриди баҳс мутааллиқанд, то онҳо ба риштаи таҳлил кашида шаванд ва дар ҳамкории мутақобила бо масоили дигар баррасӣ гарданд.

Воқеияти иқтисодии имрӯзаи Тоҷикистон имкон намедиҳад, ки дар бораи таъсиси институтҳои бозории анъанавӣ, ки ба мамлакатҳои дорои таҷрибаи иқтисодиёти бозорӣ дар ташкил ва танзими муносибатҳои бозорӣ хосанд, сухан ронем. Вале бозор дар Тоҷикистон танҳо дар он сурат пурра ташаккул мeёбад ва бомуваффақият фаъолият мекунад, ки мақсадҳои ташкилоти иқтисодӣ ба ташаккули ангезаҳои кофӣ дар субъектҳои хоҷагидор барои ин кор мусоидат намоянд.

Дар назарияи институтсионалӣ маҷмӯи қоидаҳои асосии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки пояи истеҳсолот, мубодила ва тақсимотро ташкил мекунад, чун муҳити институтсионалии ҷамъият муайян карда шудааст. Тибқи ин таъриф, дар ҷамъият институтҳои сершумор ҳамзистӣ мекунанд, ки на танҳо ҳамдигарро пурра менамоянд, балки баъзан ба ҳам ихтилоф низ доранд.

Байни иқтисоддонон то ҳол дар бобати ба низоми институтҳо ворид сохтани институтҳои иқтисодӣ (ширкату корхонаҳо) ягонагии афкор ба мушоҳида намерасад. Д.Норт институтро чун “меъёр ва қоида”-и ҳамкории мутақобилаи субъектҳои хоҷагидорӣ муайян мекунад. Аз ин ҷо, ба хулоса омадан мумкин аст, аз нуқтаи назари илмӣ ба низоми институтҳо дохил кардани институтҳои иқтисодӣ нодуруст аст. Вале, лозим ба таъкид аст, ки ҳамкорӣ ва муносибатҳои мутақобилаи субъектҳои хоҷагидор асосан дар доираи институтҳои иқтисодӣ сурат мегирад. Ба номгӯи институтҳо дохил кардани институтҳои иқтисодӣ ба қадри кофӣ собит месозад, ки фардҳо маҳз дар доираи онҳо ҳамкории мутақобилиашонро ба роҳ монда, фаъолияти худро амалӣ мегардонанд.

Ғайр аз ин, институтҳо дар доираи низоми иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд. Низоми иқтисодӣ аз маҷмӯи унсурҳое иборат аст, ки онҳо томияти муайян, ягонагиро ташаккул медиҳанд ва дорои мушаххасоти нави сифатие мебошанд, ки унсурҳои ташкилкунандаи низоми иқтисодӣ аз мушаххасоти мазкур ориянд. Унсурҳои номбурда дар алоқаи байниҳамӣ қарор дошта, дар нақши субъектҳо ва объектҳои фаъолияти иқтисодӣ баромад мекунанд. Алоқаҳо метавонанд иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилию иқтисодӣ ва техникию иқтисодӣ бошанд. Дар ин ҷо муносибатҳои муайяни истеҳсолии шаклгирифтаи одамон дар ҷамъият, яъне институтҳо алоқаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошанд. Баромад бошад маҷмӯи неъматҳо, анъанаҳо, малакаҳо ва навгониҳои иқтисодии таҷаммӯъёфтаро дар бар мегирад.

Аз нуқтаи назари амалигардонии фаъолияти иқтисодии субъектҳо дар доираи объектҳо, ки дар он ҷо субъектҳо бо роҳи амалҳои дастаҷамъӣ (коллективӣ) қоидаҳои бозиро дар ҷамъият интихоб мекунанд, ба низоми институтсионалӣ дохил кардани

ташкилотҳои иқтисодӣ дуруст аст. Пас, ташкилотҳои иқтисодӣ бо номи худ қоидаи рафтори ҷомеа ва ё гурӯҳро дар ҷамъият муайян мекунад. Зимнан, номи ташкилотҳои иқтисодӣ баёнгари манфиатҳо ва ангезаҳои онҳо, яъне муносибат ба тағйиротҳои берунӣ мебошад. Онҳо шаклҳои ба қадри кофӣ устувори ташкил ва танзими фаъолияти якҷояи одамон мебошанд.

Чунин муносибат, ба назари мо, ҳамчунин ҳангоми муайян кардани моҳияти низоми институтсионалӣ, ки чун маҷмӯи институтҳои иқтисодӣ таъсис меёбад, муҳим аст. Институтҳои иқтисодӣ маҷмӯи қоидаҳои иқтисодӣ мебошанд, ки муносибати моликиятро муайян мекунанд. Дар навбати худ, муносибати моликият бо муносибати агентҳои иқтисодӣ ба ҳуқуқи тасарруф, истифода ва ихтиёрдорӣ ба объектҳои моликият муайян карда мешавад.

Муҳити институтсионалӣ ҳосилаи фаъолияти сохторҳои институтсионалии ҷамъият мебошад. Онҳо, яъне сохторҳои институтсионалӣ аз маҷмӯи мухталифи институтҳо иборатанд, ки модели рафтори иқтисодиро ба вуҷуд меоранд, барои субъектҳои хоҷагидор маҳдудиятҳоро муайян мекунанд ва ба субъектҳои мазкур ҳамкории мутақобилаи самаранокро дар доираи низоми иқтисодӣ таъмин менамоянд.

Мафҳуми муҳити институтсионалӣ маҷмӯи институтҳои иҷтимоию иқтисодиро муттаҳид месозад. Онҳо, дар навбати худ, асоси сохтмони институтсионалиро муайян мекунанд ва аз зернизомҳои алоҳида, яъне институтҳои гуногунсатҳ иборатанд. Муҳити институтсионалӣ асоси ба худ хоси рушди тағйироти институтсионалӣ мебошад.

Лозим ба таъкид аст, ки дараҷаи тараққии муҳити институтсионалии ҷамъият аз ду омили асосӣ вобаста аст: зичӣ ва сохтори иерархии (силсилаи маротиби) муҳити институтсионалӣ. Маҳз ҳамин омилҳо на танҳо дараҷаи танзими муносибатҳои субъектҳои хоҷагидорро дар ҷамъият муқаррар мекунанд, балки дар рафти ташаккул институтҳои аз ҳама самараноки иқтисодӣ ва иҷтимоиро интихоб мекунанд. Пас, муҳити институтсионалӣ матритсаи ба худ хоси инкишофи ҷамъиятро таъсис мекунад, ки дараҷаи баланди ҳамкорӣ ва тамосро байни институтҳо таъмин менамояд.

Зичии институтсионалӣ ва нишондиҳандаи идроки моҳиятии аз ҷониби афрод ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба дараҷаи кофӣ танзим шудани муносибатҳои онҳоро дар он соҳаҳое, ки онҳо фаъолияташонро амалӣ мегардонанд, муайян мекунад. Омилҳои зерин омилҳои асосие мебошанд, ки зичии институтсионалиро дар ҷамъият муайян мекунанд:

Муҳити институтсионалӣ моҳияти аз ҷониби афрод ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба дараҷаи кофӣ танзим шудани муносибатҳои онҳоро дар соҳаҳое, ки фаъолияташонро амалӣ мегардонанд, муайян мекунад. Дар ин радиф шартҳои асосии зерин, ки ба ташаккули ШДХ таъсири бевосита доранд:

– низоми бисёрсатҳаи институтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки барои ҳамкорӣ намудан бо бахши давлатӣ омодааст ва имконият дорад;

– мавҷудияти созишномаю қарордодҳои гуногун, ки дараҷаи ҳамкорӣ ва алоқаи мутақобили институтҳоро дар асоси қоидаю меъёрҳои умумии рафтор муайян мекунанд;

– ҳамоҳангии институтҳо дар бобати мувофиқшавӣ ба шароитҳои босуръат тағйирёбандаи хоҷагидорӣ, ки дар низоми иқтисодӣ ба амал меоянд.

Ба қадри кофӣ мусоид набудани муҳити институтсионалӣ ҳангоми амалигардонии фаъолияти иқтисодӣ ба ҳамкории субъектҳои муносибатҳои бозорӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Узвҳои таркибии муҳити институтсионалиро чунин ифода намудан мумкин аст ***(расми 1.1).***




***Расми 1.1.*** **- Муҳити институтсионалии бизнес дар иқтисодиёти минтақа**

Муҳити дохилии институтсионалии ташкилотҳои иқтисодӣ таъсири институтҳои берунаро эҳсос намуда, дар навбати худ, ба ташаккули сохтори институтсионалӣ таъсири фаъолона мерасонанд. Институти қарордодҳо, ки на танҳо муносибатҳои мутақобилаи байни субъектҳоро, балки мутобиқшавии онҳоро ба институтҳои беруна низ муайян мекунад, яке аз институтҳои асосии муҳити дохилӣ ба шумор меравад. Амалан ҳар як аз ташкилотҳо “макроинститутҳои” худии махсус, фарҳангӣ ва функсионалӣ дорад, ки маҷмӯи онҳоро бо ёрии номи ин ташкилот мушаххас кардан мумкин аст.

Пас, институтҳои дохилии ташкилотҳои иқтисодӣ меъёр ва қоидаҳои ҳамкории онҳоро бо ҷамъият, ки асоси онро рафтори корпоративӣ ташкил мекунад, муайян менамоянд.




**Расми 1.2. Институтҳои муҳити берунаи институтсионалии ташкилотҳои иқтисодӣ**

Дар шароити ҳозира ҳам муҳити дохилӣ ва ҳам муҳити берунаи бизнес дар ҶТ дар марҳилаи ташаккул ва рушд қарор дорад. Тибқи ақидаи олими Русия Клейнер Г.Б. муҳити институтсионалӣ бояд дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият дар асоси алоқаҳои ҷамъиятию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, маъмурию идоракунӣ ва хоҷагидории аъзои онҳо ташаккул ёбад. Бинобар ин, дар оянда рушди муҳити институтсионалӣ бояд хусусияти нисбатан васеъ дошта, ба таъмини тараққии устувор ва босуръати соҳаи бизнес дар ҷумҳурӣ равона карда шавад.

Баробари ин, таъкид кардан лозим аст, ки такмили механизми бозори молиявӣ, махсусан бозори коғазҳои қиматнок низ самти муҳимми рушди бизнес дар мамлакат ба шумор меравад. Имрӯз дар мамлакат бозори дуюми коғазҳои қиматнок қариб амал намекунад. Амалкарди фаъолонаи ин бозор аз бисёр ҷиҳат ба инкишофи муҳити институтсионалии бизнес дар мамлакат таъсир расонида метавонад.

Ҳамин тариқ, ташаккулёбӣ ва тараққии бизнес-сохтор дар минтақа чун заминаи болоравии иқтидори иқтисоди миллӣ баромад мекунад. Солҳои охир, дар доираҳои илмӣ оид ба ин масъала баҳсу мунозираи фаъолона идома дорад. Пешбинӣ мешавад, ки тараққии минбаъдаи бизнес-сохтор бо инкишофи муносибатҳои кооператсионӣ ва кластериконӣ дар иқтисодиёти минтақа алоқаи зич дорад. Дар ин замина, дар оянда зарурати ҳалли як қатор вазифаҳои аввалиндараҷа ба миён меояд. Аз ҷумла:

- ба мақсади такмили муҳити институтсионалӣ фароҳам овардани шароити нисбатан мусоиди ҳамкории субъектҳои бизнеси хурд ва миёна дар доираи алоқаҳои кооператсионӣ,

ки давлат дар механизми онҳо бевосита иштирок мекунад;

- баланд бардоштани кластерҳои соҳавӣ, ки ба ташаккули бизнес-сохторҳо дар минтақа имконият фароҳам меорад;
- муқаррар кардани меъёр ва қоидаҳое, ки принсипҳои озодии бозории субъектҳои бизнеси хурду миёнаро таъмин мекунанд;
- омӯзиш ва ҷорӣ кардани таҷрибаи ба шароити ҶТ ва минтақаҳои он мутобиқи мамлакатҳои мутараққӣ дар самти ба вуҷуд овардани муҳити институтсионалии соҳаи бизнес.

Возеҳ аст, ки мавҷудияти фарқҳои назаррас байни механизмҳои коркард ва амалигардонии лоиҳаҳои ШДХ пойгоҳи муфассалан баррасишудаи қонунӣ ва меъёрии созишномаҳоро тақозо мекунад. Вале ин нуктаи назари анъанавӣ ба масъала мебошад, ки дар он ангеза ва неъматҳои бахши хусусӣ танҳо аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ мегарданд. Зимнан, ба ин ё он бахши иқтисодиёт маблағгузорӣ карданро нахостани субъекти соҳаи бизнес бо сабабҳои зерин вобаста аст: инвестори хусусӣ на мақсадҳои стратегии инвеститсиониро, ки давлат муқаррар кардааст, на худи омодагии давлатро ба ташкили иттиҳод бо бизнес дар асоси принсипҳои шарикӣ мебинад, ки дақиқан ҳамкории баробарҳуқуқро талаб мекунад. Бинобар ин, институтсионаликунонии сиёсии принсипи ШДХ, ки барои субъектҳои ин ҳамкорӣ ҳатто аҳамияти психологӣ дорад, муҳим мебошад ***(ниг. расми 1.3).*** [1,с.25].




***Расми 1. 3.*** **- Асосҳои институтсионалии ШДХ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ**

Давлат дар сатҳи аз ҳама баланд:

- омодагиро ба ҳамкорӣ дар шакли шарикии истеҳсолӣ, хоҷагидорӣ эътироф мекунад (дар бораи имконият ва ҷабҳаҳои фаъолияти ҳамкорӣ эълом мекунад);
- шарикӣ бояд дар самаранокии иқтисодӣ фаъолиятро таъмин намояд;
- соҳаҳои ШДХ ва мақсадҳоеро, ки дар доираи амалигардонии лоиҳаҳои мазкур пайгирӣ мекунанд, муайян менамояд;
- пойгоҳи қонунгузориро, ки асосҳои ҳуқуқии шарикиро бунёдгузорӣ мекунад, ба вуҷуд меорад;
- дастгоҳи маъмурии дахлдорро, ки дар шароити шарикӣ мақсадҳои давлатиро амалӣ

мегардонад, мураттаб месозад.

Аз ҳисоби чунин тадбирҳо мувофиқаи манфиатҳои давлату бизнес дар сатҳҳои мухталифи идоракунии иқтисодиёт ба даст меояд. Шарикӣ танҳо ҳамон вақт имконпазир аст, ки ҳар ду шарик ҳавасманд бошанд ва аз ҳисоби ҳамкорӣ масъаларо нисбатан самаранок ҳал карда тавонанд. [2,с.63].

Шартнома (инвеститсионӣ, консессионӣ, шартнома дар бораи таъсиси минтақаи озоди иқтисодӣ ва ғайра) ҳамеша шакли ниҳоии ҳуқуқии мувофиқаи манфиатҳо хоҳад буд. Ин шартнома бояд пойгоҳи дақиқу шаффофи қонунгузорӣ ва бегуфтугӯ ҳифзи ҳуқуқӣ дошта бошад. [3,с.261].

Гуфтаҳои болоро аз нуқтаи назари равандҳои идоракунӣ ҷамъбаст намуда, марҳилаҳои зерини ба вуҷуд овардани ШДХ-ро дар доираи ҳар як лоиҳаи мушаххас дар минтақа пешниҳод кардан мумкин аст:

- мувофиқаи аввалияи манфиати тарафҳо ва муайян кардани мақсадҳои афзалиятноки стратегӣ;
- сабти афзалиятҳо дар ҳуҷҷати барномавии муайян кардани муҳлатҳо ва мақомоти масъул, тартиби қатъии амалигардонӣ дар асоси талаботи қонунӣ;
- дар асоси барнома пурра мутобиқи қонуне, ки тартиби гузаронидани тендерро муайян мекунад, ташаккул додани лоиҳаҳои мушаххас;
- баҳисобгирии натиҷаҳо дар шартномаҳое, ки ҳифзи ҳуқуқи махсуси ҳамаи иштирокдорони ШДХ-ро доро мебошанд.

Иҷрои тадбирҳои мазкур мутобиқшавии институтсионалии лоиҳаҳои инвеститсионии ШДХ-ро ба шароиту захираҳои ҳудуди мушаххас, ки ба мақсади рушди ҳудуди мазкури лоиҳа амалӣ гардонида мешавад, таъмин мекунад. Дар ин қарина қайд кардан зарур аст, ки дар низоми ШДХ ҳокимияти маҳаллиро чун иштирокдори комилҳуқуқ ҷудо кардан лозим аст, зеро мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ амалан субъектҳои алоҳидаи ҳокимият эътироф мешаванд. Чӣ тавре ки амалия нишон медиҳад, манфиату имкониятҳои ин субъектҳо барои амалигардонии лоиҳаҳои ШДХ на ҳамеша ба ҳам мувофиқанд, дар баъзе мавридҳо бошад, бо ҳам мухолифанд *(ҷадвали 1.1)*.

***Ҷадвали 1.1.* - Нақши ҳар иштирокдори ШДХ** [4,с.391-416].

| | |
|---|---|
| Давлат | қоидаҳои бозӣ, қонунгузорӣ, стратегияи рушд, афзалиятҳо; дастгирии буҷетӣ (кафолатҳои давлатӣ, субвенсияҳо, андозбандии имтиёзӣ); ҳалли баҳсҳо, назорат ба сифати хизматҳо; мониторинги самаранокии амалигардонии лоиҳа; ба вуҷуд овардани муҳити инвеститсионии мусоид; ташаккули тарофаҳо (дар баъзе мамлакатҳо, дар баъзе соҳаҳо); иҷозатномаҳо, литсензияҳо. |
| Ҳокимияти | додани қитъаҳои замин; муайян кардани сиёсати рушди маҳаллӣ, нақшаҳои генералии нуқтаҳои аҳолинишин; иҷозатномаҳо, литсензияҳо; назорат ба сифати хизматрасонӣ; ташаккули тарофаҳо (дар баъзе мамлакатҳо, дар баъзе соҳаҳо); мониторинги самаранокии амалигардонии лоиҳа. |
| Бахши хусусӣ | идоракунии объект; мутаҳаррикии калон; суръати қабули қарор; қобилият ба навгониҳо; ҷидду ҷаҳд ба ҷустуҷӯи такмили техникӣ ва технологӣ барои таъмини рақобатпазирӣ; таҷдид; кафолати боэътимодӣ ва сифати хизматрасонӣ; иҷрои барномаҳои инвеститсияҳои умумӣ (капиталӣ). |

Возеҳ аст, ки аз амалигардонии бомуваффақияти лоиҳаҳои ШДХ ҳамаи иштирокдорони раванд – сохторҳои давлатию минтақавӣ, ҳамчунин бизнес, ки ҷиҳатҳои қавии худро татбиқ мекунад ва ба мақсадҳои гузошта ноил мегардад, бурд мекунанд. Дар

ин раванд, инчунин, истеъмолкунандагон (умуман ҷамъият) низ бурд мекунанд. Маълум аст, ки дар сатҳи минтақа идора кардани лоиҳаҳои на он қадар калон осонтар аст ва натиҷаҳои лоиҳаҳои мазкур аксаран дар муқоиса бо лоиҳаҳои калон ва хеле калон бобарортар мешаванд. Вале масъалаи сармоягузориро ба ин лоиҳаҳо на ҳамеша ҳал кардан имконпазир аст, зеро институти дастгирикунандаи шарикии минтақавию хусусӣ чун зернамуди шарикии давлатию хусусӣ вуҷуд надорад. Бо ин мақсад таҳияи алгоритми модели ташкили корхонаи якҷояи минтақавию хусусиро, ки ба шароити минтақаҳои Тоҷикистон, махсусан вилояти Суғд мувофиқ аст, зарур мешуморем ***(расми 1.4).***




***Расми 1.4.*- Модели ташкили корхонаи муштараки минтақавию хусусӣ дар вилояти Суғди ҶТ**

Дар низоми ШДХ дар вилояти Суғди ҶТ намуди дигар, яъне шарикии минтақавию хусусиро ба вуҷуд овардан лозим аст. Чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, алҳол дар вилояти Суғди ҶТ шумораи аз ҳама зиёди лоиҳаҳои ШДХ дар сатҳи минтақавӣ амалӣ гардонида мешавад. Бинобар ин, низоми идоракунии инкишофи ШДХ-ро дар минтақа мураттаб сохтан ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамчунин, барои ба вуҷуд овардани пойгоҳи коршиносию таҳлилии додаҳои лоиҳаҳои татбиқшаванда дар низоми институтҳои инкишофи ШДХ алоҳида Маркази рушди лоиҳаҳои минтақавию хусусӣ ташкил кардан лозим аст.

Ҳамкории мақомоти давлатӣ ва бизнес-сохторҳо дар минтақа механизми махсус дорад ва дар шароити муосир беҳтар аст, ки тибқи алгоритми зерини амалиёти

субъектҳои шарикии давлатию хусусӣ дар қаламрави вилояти Суғди ҶТ ба амал ҷорӣ гардад.

***Расми 1.5*** **- Ҳамкории субъектҳои ШДХ дар сатҳи минтақавӣ**




Вазъияти мазкур раванди такмили шарикии давлатию хусусиро дар минтақа мураккаб мегардонад.

Ба назари муаллиф, ҳангоми ҳамкории ШДХ интихоби “минтақаҳои мувофиқат”-и манфиатҳо дар шарикии давлатию хусусӣ метавонад ба коҳиши падидаҳои коррупсионӣ, иқтисодиёти ниҳонӣ мусоидат намояд.

Дар навбати худ, ШДХ-и мувофиқагардида метавонад ихтилофи манфиатҳоро пешгирӣ намояд ва самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионии амалишавандаро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти минтақавӣ таъмин кунад.

Дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он ба муттаҳид сохтани амволи дар моликияти шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат буда ва дар ин замина ташкил кардани шаклҳои омехтаи моликият иҷозат дода мешавад. Бинобар ин, истифодаи механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ дар амалигардонии лоиҳаҳои муҳими иҷтимоӣ норасоии маблағгузориро

рафъ карда, самаранокии лоиҳаҳои амалишавандаро баланд бардошта метавонад. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки захираҳои шарикии давлатию хусусӣ метавонад истифодаи оқилонаи имкониятҳои эҳтимолии иқтисодиёти минтақавиро барои ноил гардидан ба рушди иқтисодиёт дар дурнамои дарозмуддат таъмин кунад.

Ҳамчунин, барои ба вуҷуд овардани пойгоҳи коршиносию таҳлилии додаҳои лоиҳаҳои татбиқшаванда дар низоми институтҳои инкишофи ШДХ алоҳида Маркази рушди лоиҳаҳои минтақавию хусусӣ ташкил кардан лозим аст. Низоми ШДХ тадбирҳои мувофиқашудаи мақомоти минтақавии идоракунӣ, ҳамчунин шакли мутобиқшавии механизмҳои ҳамкорӣ ба шароити хоҷагидорӣ дар минтақа ва тавсеаи соҳаҳои истифодаи соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад.

Маҳз дар чунин шароит дар минтақаҳо баробари амалигардонии ислоҳоти иқтисодӣ ва қонунгузорӣ асосҳои муносибатҳои нави мутақобилаи байни давлат ва бахши хусусӣ гузошта шуданд. Барои ташаккул додани моликияти хусусӣ дар мамлакат хусусигардонии моликияти давлатӣ амалӣ гардонида, ба намудҳои гуногуни моликият ҳуқуқҳои баробар дода шуд.

### *ПАЙНАВИШТ:*

1. *Данилова О. В. Государство и бизнес: баланс интересов и возможности сторон / Данилова О. В. // Экономика и предпринимательство. – 2014 . - №7. – 261 с.*
2. *Делмон Д. Государственно-частное партнерство в инфраструктуре. Практическое руководство для органов государственной власти/ Д. Делмон. – Всемирный банк, 2010. – 63 с.*
3. *Зоидов К.Х., Медков А.А., Зоидов З.К. Государственно-частное партнерство – основа инновационного развития и безопасности транзитной экономики. Монография / Предисловие и науч. ред. чл.-корр. РАН В. А. Цветка. - Москва: Экономическое образование, 2017. - С.391- 416.*
4. *Мордвинцев А.И. Институциональная адаптация ГЧП к условиям и ресурсам региона / А.И. Мордвинцев // Вестник Ростовского государственного экономического университета (РИНХ). - 2011. - №1. - С. 25.*
5. *Ходжаев П.Д. Эффективность функционирования частного предпринимательства в Республике Таджикистан/ П.Д. Ходжаев // Проблемы развития предпринимательской деятельности в Республике Таджикистане: материалы респ. научн.- практ. конф. - Душанбе: ТИПС, 2010. - С. 43-50.*
6. *Ходжаев П.Д., Сафарова Л. Оценка использования потенциала государственно-частного партнерства в сфере услуг Республики Таджикистан / П.Д. Ходжаев, Л. Сафарова //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе,2015. - №2/9 (190). - С.163-167.*
7. *Хрусталёв Е.Ю., Ларин С.Н. Новые тенденции в организации партнерских отношений государства и бизнеса в инновационной сфере / Е.Ю. Хрусталёв, С.Н. Ларин // Финансовая аналитика: проблемы и решения. - 2011. - №34. - С. 2-10.*
8. *Цветков А.А., Зоидов К.Х. и др. Постсоветское экономическое пространство: современное состояние и перспективы развития / А.А. Цветков, К.Х. Зоидов и др. – Москва: Финансы и кредит, 2009. – 472 с.*

### *Reference Literature:*

1. *Danilova O.V. State and Business: Balance of Interests and Possibilities of Parties // O.V. Danilova// Economics and Entrepreneurship. 2014, #7. – 261pp.*

2. *Delmon D. Statal-Private Partership in Infrastructure. Practical Guidbook for State Power Bodies// D.Delmon. – World Bank. 2010 – 63pp.*
3. *Zoidov K.H., Medkov A.Q., Zoidova Z.K. Statal-Private Partnership as a Basis for Innovational Development and Transitive Economy Security. Monograph// Preface and scientific editorship: RAS correspondent – member V.Q.Tsvetkov. – Moscow: Economics Education. 2017. – pp. 391 - 416*
4. *Mordvintsev A.I. Institutional Adaptation of Statal-Private Partnership to Conditions and Resources of a Certain Region.// A.I.Mordvitsev// Bulletin of Rostov State University of Economics (RSUE). – 2011, #1. – p.25*
5. *Khodjaev P.D. Effectiveness of Private Entrepreneurship Functioning in Tajikistan Republic. // P.D.Khodjaev// The Problems of Entrepreneurial Activity Development in Tajukistan Republic: materials of the republican scientifico-practical conference. – Dushanbe. 2010. – pp.43 - 50*
6. *Khodjaev P.D., Safarova L. The Assessment of Utilization in Regard to a Potential of Statal-Private Partnership in the Sphere of Services in Tajikistan Republic // P.D. Khodjaev, L. Safarova// Bulletin of the Tajik National University. The Series of Social-Economic and Social Sciences. – Dushanbe, 2015, #2/9 (190). – pp. 163 – 167*
7. *Khrustalyov Ye.Yu., Larin S.N. New Tendencies in Organization of Partnership Relations between State and Business in Innovational Sphere// Ye.Ya. Khrustalyov, S.N. Larin// Financial Analytics: Problems and Solutions. 2011, #34.-pp.2 - 10*
8. *Tsvetkov A.A., Zoidov K.H. et alia. Post Soviet Economic Space: Contemporary State and Prospects of Development// A.A. Tsvetkov, K.H.Zoidov et alia. – Moscow: Finances and Credit. 2009.- 472pp.*